Ба Шурои диссертатсионии 6D.K0A-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734024, ш. Душанбе, куч. Мирзо Ризо 6 А.

## ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи доктор фалсафа (PhD)-и Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, ба қисмҳо ва бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад: 2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди ҳамкориҳо ва бизнеси байналмилалӣ. 3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва комплекси иқтисоди хориҷӣ. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши

хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Лоиҳакашӣ, таҳияи методҳо ва абзорҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ. 5. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, методҳо (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои ниҳодии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. 8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. 16. Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии иҷтимоию иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). 17. Инкишоф ва такмили механизмҳои ниҳодии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Идоракунии сармояҳои молиявӣ. Идоракунии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ. Таҳия ва такмили механизмҳои идоракунии низоми андоз ва гумруки кишвар. Рушд ва такмили идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, комплекси тиҷорати хориҷии кишвар ва минтақаҳои он.

**2. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло ба яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бахшида шудааст. Мавзӯи тадқиқшаванда дорои хусусияти байнисоҳавӣ ва стратегӣ мебошад, зеро он ҳамзамон масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳити зистро дар бар мегирад. Бо дарназардошти талаботи иқтисоди бозорӣ, сиёсати давлатии ҷалби сармояи хориҷӣ, идоракунии самараноки он, ҳамчунин зарурати рушди иқтисоди «сабз» таҳлил намудааст. Дар кори диссертатсионӣ таваҷҷуҳи махсус ба таҳқиқи назариявии моҳият, шакл ва механизмҳои идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти истифодаи самараноки чунин идоракунӣ зоҳир гардидааст.

Бояд гуфт, ки сармоягузории хориҷӣ воситаи муҳими рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ буда, дар шароити Тоҷикистон метавонад накши муҳим дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор бозад. Ҳамзамон, дар кори илмӣ монеаҳо ва мушкилоти воқеии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ ошкор ва гуруҳбандӣ карда шудаанд. Аз таҷриба бармеояд, ки имрӯз масъалаҳои зиёде вобаста ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ ва такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, ки бо маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва зарурати ҷалби сарчашмаҳои беруна алоқаманд мебошанд. Ин ҳолат таҳқиқи амиқи хусусиятҳои идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ, омӯзиши таъсири омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ба фаъолияти самараноки низоми идоракунии онҳо ва таҳияи роҳҳои беҳсозии равандҳоро тақозо менамояд.

Аммо, ҳангоми омӯзиши вазъи амалии сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ мушкилоти зиёде ошкор мегарданд, ки таҳқиқи илмии амиқ ва таҳияи механизмҳои муассири идоракуниро тақозо менамоянд. Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди иқтисоди “сабз”, тавассути такмили сохтори низом, беҳсозии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомот ва ҷорӣ намудани усулҳои рақамисозии равандҳои сармоягузорӣ зарур мебошад.

Дар ин замина, истифодаи абзорҳои рақамӣ ва иттилоотӣ барои назорат, мониторинг ва таҳлили самаранокии сармоягузориҳо, инчунин муоширати муассир бо бахши хусусӣ ва шарикони хориҷӣ аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Татбиқи низоми автоматонидашудаи иттилоотӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки назорати

раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ пурзӯр, шаффофият таъмин ва сатҳи масъулият баланд гардад.

Инчунин, баланд бардоштани тахассуси мутахассисон дар соҳаи сармоягузорӣ ва идоракунии хизматрасониҳои экологӣ яке аз омилҳои муҳими самаранокии низом ба шумор меравад. Ин ҳолат ташкили курсҳо, семинарҳо ва тренингҳоро барои кормандони давлатӣ ва бахши хусусӣ дар самти ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ тақозо мекунад. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани низоми баҳодиҳии сифати кор ва ҳавасмандгардонии кадрҳо метавонад заминаи устувор барои беҳсозии идоракунии сармоягузориҳо фароҳам оварад. Истифодаи усулҳои муосири механизмҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ тавассути имтиёзҳои андозӣ, дастгирии давлатӣ ва эҷоди муҳити мусоиди сармоягузорӣ, яке аз самтҳои муҳимтарини такмили механизми идоракунӣ маҳсуб меёбад.

Идоракунии самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки ҳамзамон сиёсати давлатӣ, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар як низоми ҳамоҳанг амал намоянд. Ин равиш барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҷалби сармояҳои “сабз” мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти ин, мавзуи интихобшудаи Шоҳзода Назира Изатулло аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ мубрам, саривақтӣ ва дорои арзиши баланди назариявию амалии онро тасдиқ менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи иқтисодиёти бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини идоракунии самараноки истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бо назари комплексӣ таҳия

шудаанд. Дар таҳқиқот хусусиятҳои ташаккул ва рушди низом, механизми идоракунӣ, шаклҳои танзими давлатӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва модели ҳамкории ташкилию иқтисодӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва шароити миллии кишвар муайян ва таҳлил гардидаанд. Ҳамзамон, усулҳои амалии баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва таҳкими муҳити институтсионалии экологии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ки ба рушди иқтисоди “сабз” ва ҷалби устувори сармояи хориҷӣ мусоидат менамоянд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини идоракунии самараноки истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври комплексӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқотро дар бар мегирад, дар зер оварда шудааст:

1. Таҳқиқи пурраи асосҳои назариявии идоракунии сармояи хориҷӣ дар асоси доктринаи илми иқтисодӣ, амалия ва қонунгузори омухта шуда, таърифи муалифии ин котегорияи иқтисодӣ, аз қабили: «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ», «хизматрасониҳои экологӣ» ва «идоракунии сармоягузории хориҷӣ» пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи диссертант «идоракунии раванди ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ - ин низоми муназзами стратегӣ мебошад, ки ҳам аз ҷониби давлат (субъектҳои оммавӣ) ва ҳам бахши хусусӣ амалӣ мегардад ва бар таҳлили омилҳои моликиятӣ, ҷойгиршавӣ ва дохилшавӣ такя мекунад. Он бо риояи стандартҳои байналмилалии рушди устувор, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ амалӣ шуда, ҳадафаш фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ барои ҷалб, татбиқ ва нигаҳдории сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, аз ҷумла низоми хизматрасониҳои экологӣ, мебошад. Ин раванд на танҳо ҷалби захираҳои молиявиро

таъмин мекунад, балки интиқоли технологияҳои инноватсионӣ, такмили малакаҳои идоракунӣ ва мутобиқсозии бозори дохилиро ба талаботи рушди устувор низ мусоидат менамояд»(дис. С. 41).

2. Муаллиф дар консепсияи илмии худ муайян кардааст, ки барои самаранокии бештари механизми ташкилию иқтисодии рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар ҶТ татбиқи чораҳои зерин зарур аст: а) такмили заминаи ҳуқуқӣ; б) таъсиси механизми муассири ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии марказонидашуда байни ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ; в) содда ва рақамӣ гардонидани низоми иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсия тавассути рушди «равзанаи ягона»; г) тақвияти нақши Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамчун сохтори калидии ҳамоҳангсоз ва назораткунанда; ғ) ташаккули муҳити воқеии ҳавасмандгардонии иқтисодӣ; д) густариши таблиғот ва маълумоти дақиқ, шаффоф ва саривақтӣ дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ ва талаботи низоми хизматрасониҳои экологӣ; е) тақвияти чораҳои ташкилию маърифатӣ; ё) истифодаи васеи воситаҳои иқтисодии инноватсионӣ (автореф. С. 18, дис. С. 84).

3. диссертант, омилҳо (иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ) ва монеаҳои асосии таъсиррасон ба идоракунии самараноки дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян намуда, ҳамчунин баҳри бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушахас кардааст. Ҳамчунин, индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ муайян ва таҳлил намуда, бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва раванди афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати ҶТ ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, барои солҳои 2026–2030 пешгӯии эҳтимолии

ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод кардааст.

4. Аз ҷониби диссертант асоснок карда шудааст, ки монеаҳо ва мушкилотҳои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ аз маҷмӯи омилҳои мураккаби инфрасохторӣ, маъмурӣ, кадрӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ иборат мебошанд. Дар сатҳи диссертатсия муаллиф ҳар як монеа ва мушкилотро дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ намуда, барои бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст ( дис. С. 116).

5. Асоснок карда шудааст, ки ба таври мушаххас муайян намудани ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасонии экологӣ дар ҶТ мушкил аст, зеро дар гурӯҳбандии соҳавии лоиҳаҳои Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, самти экология дар алоҳидагӣ ҷудо карда нашудааст. Вобаста ба ин аз ҷониби диссертант пешниҳод гардидааст, ки дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030 бахши экология дар умум ва зербахши хизматрасониҳои экологӣ дар алоҳида пешбинӣ карда шавад. Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва равади афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ, инчунин, таваҷҷуҳи афзояндаи Ҳукумати ҶТ ба рушди соҳаи экология ва хизматрасониҳои экологӣ, муаллиф барои солҳои 2026–2030 пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологиро пешниҳод намудааст, ки амалишавии он барои рушди устувор ва экологӣ заминаи муътамад фароҳам меорад. (автореф. С. 23-24).

6. Дар асоси муқаррароти доктринаи илми иқтисодӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои самти сармоягузорӣ диссертант такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологиро дар самтҳои зерин таҳлилу пешниҳод намудааст, аз ҷумла: заминаи меъёрии

ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ; рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ; механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ; ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ; мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо. Албатта, таҳлил ва хулосабарории илмии ҳамаи ин самтҳо, ҳамчунин пешниҳодҳои илман асоснок, метавонанд барои такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузрии хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ хизмат кунанд (автореф. С. 28-30).

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми менеҷмент, бахусус дар самти ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳои илмӣ, арзёбиҳои иқтисодӣ, истифодаи усулҳои оморӣ ва таҷрибаи амалии соҳа тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои рисола дар асоси таҳлили илмӣ ва баррасии ҷанбаҳои назариявию амалии масъала пешниҳод шудаанд, ки аз эътимоднокии баланди натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти илмӣ вобаста ба масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ доираи васеи маводи илмии алоқаманд ба муҳтавои фарогирандаи мавзуи тадқиқотӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу тадқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар раванди минбаъдаи омӯзиш ва таҳлили мавзӯъ, тавсеаи бозори идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷараёни таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ аҳаммияти илмӣ-амалӣ доранд.

Тавсияҳои методӣ ва амалие, ки дар диссертатсия асоснок шудаанд, ҳангоми ҷараёни таълим дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои беҳтар намудани фаъолияти таълимӣ ва тадриси фанҳои «Менеҷмент», «Идоракунии сармоягузорӣ», «Иқтисоди экологӣ» ва «Сиёсати сармоягузорӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ татбиқшаванда мебошанд.

Муаллиф дар таҳияи чораву пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати мукаммалгардонии низоми идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва рушди ҳамкориҳои ташкилӣ-иқтисодӣ саҳм гузошта, самтҳои афзалиятнок, вазифаҳо ва тадбирҳои муҳимро дар ин самт асоснок кардааст. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои илмии муаллиф метавонанд ҳамчун замина барои рушди минбаъдаи асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии самараноки

сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ хизмат намоянд.

Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти муҳим дошта, он ба баланд бардоштани сифати муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва татбиқи технологияҳои сабз мусоидат менамояд. Ин раванд, инчунин ба ҷалби сармояи нав, афзоиши ҷойҳои корӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар дар сатҳи байналмилалӣ замина мегузорад.

Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дорои аҳаммияти иҷтимоӣ низ мебошад, зеро он ба беҳсозии шароити зист ва саломатии аҳолӣ мусоидат менамояд. Ин раванд боиси баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии ҷомеа ва ташаккули муносибати масъулона нисбат ба табиат мегардад. Ҳамзамон, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда, сатҳи зиндагии аҳолиро боло мебарад ва суботи иҷтимоиро таҳким мебахшад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавнадаи илмӣ.** Вобаста ба масъалаҳои гуногуни диссертатсия муаллиф 21 кори илмӣ, аз ҷумла 11 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президеити Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ

дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия як таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта мебошад, ки аз ҷониби докторант (PhD) мустақилона навишта шудааст.

**8. Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия.** Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навоварии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот ба таври пурра дар автореферати диссертатсия, инчунин дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун нашр гардидаанд, инъикос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмӣ, назариявӣ ва методологӣ иҷро шудааст.

**9. Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбати диссертатсия дар он баъзе ҳолатҳои баҳснок ҷой дорад. Чунончӣ:

1. Мавқеи “OLI-парадигмаи Ҷ. Даннинг” ва “модели сиёсати сармоягузории UNCTAD” дар сатҳи диссертатсия хуб зикр шудааст, вале сифати кор хубтар мегардид, агар фоиданокии ин моделҳо барои шароити Тоҷикистон дар идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ тавзеҳ дода мешуд.

2. Бисёр ба маврид мешуд, агар диссертант дар сатҳи автореферат усулҳои пешгӯикунандаро истифода мекард.

3. Дар диссертатсия муаллиф омилҳои мусбӣ ва манфии ҷалби сармоягузории хориҷиро муфассал баён намудааст. Аз ҷумла, сатҳи

баланди муносибатҳои коррупсиониро яке аз монеаҳои манфии ҷалби сармоягузории хориҷӣ донистааст.( дис. С.127). Ба назари Шумо, кадом омилҳои дохиливу хориҷӣ бештар ба таназзули ин монеа таъсир расонидаанд ва чӣ гуна сиёсати давлатӣ ё ислоҳоти институтсионалӣ метавонанд ба беҳсозии ин нишондиҳанда дар солҳои наздик мусоидат намоянд?

4. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сармоягузориҳои хориқӣ бояд ба Конвенсияҳои қабулгардида, ки дар саҳ. 152 пешниҳод гардидаанд, мувофиқ карда шаванд. Хуб мешуд, муаллиф шаҳр медод, ки оё мо ин санадҳои байналмилалиро эътироф кардаем ва он барои самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ чӣ нақш доранд (дис. С. 152 ).

5. Муаллифи диссертатсия зербоби 1.3-ро таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ номгузорӣ намуда, таҷрибаи баъзе кишварҳои хориҷиро, аз ҷумла ИМА, Олмон, Сингапур, Канада, Ҷопон ва дигарҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф фикри худро ҷамъбаст намуда, муфид будани таҷрибаи кадоме аз ин давлатҳоро барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод менамуданд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти муккамали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назарраси илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботҳои

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он, Шоҳзода Назира Изатулло, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ**
**ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** Зувайдуллозода Г.Х.

Имзои Зувайдуллозода Г.Х.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
☏: (+992-3222)24520, 2022253, E-mail:Ktsu78@ mail.ru

5.11.25